**ПРОТОКОЛИ № 44**
**ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон**

**аз** 29.12.2025 **ш.Душанбе**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025, №171/шд тасдиқгардида 16 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Мухтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Исмоилова Раҳима Исроиловна дар мавзуи: "Баҳодиҳии хусусиятҳои биологию хоҷагидории навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисор", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ д.и.б., Абдураҳмонов Н.А. ва аъзои комиссия д.и.к., Бобохонов Р.С., н.и.к. Мубалиева Ш.М. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Исмоилова Раҳима Исроиловна дар мавзуи: "Баҳодиҳии хусусиятҳои биологию хоҷагидории навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисор", ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Исмоилова Раҳима Исроиловна дар мавзуи: "Баҳодиҳии хусусиятҳои биологию хоҷагидории навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисор", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-

Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳод шудааст, шунида баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Исмоилова Раҳима Исроиловна дар мавзуи: "Баҳодиҳии хусусиятҳои биологию хоҷагидории навъҳои интродуксионии гелос дар шароити водии Ҳисор", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Фелалиев Акрамшо Саидшоевич** - доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АМИТ, сарходими илмии озмоишгоҳи мевапарварӣ дар шароити баландкӯҳи Институти биологии Помир ба номи Х. Юсуфбекови АМИТ;

-**Бойматов Тоҷибой Эргашевич** - номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи агротехнология ва экоологияи саноатии ДПДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ дар ш.Хуҷанд.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар** факултети биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Комисияи олиии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 05 марти соли 2026, соати $14^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор-16 нафар, муқобил-нест, бетараф-нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Салимзода А.Ф

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Пӯлотова Ш.С.